# БА ОНҲО БИГӮЙ, КИ

## *Ман онҳоро дӯст медорам*

*Ошкоршавии муҳаббати Худоро нисбати худ қабул кун*

ЧОЙС МАЙЕР

# Ба онҳо бигӯй, ки

---

# Ман онҳоро дӯст медорам

Ҷойс Майер

Tell Them I Love Them by Joyce Meyer, Tajik translation

Тамоми ҷойҳои навиштаҷот аз китоби Библия бо забони тоҷикӣ, тарҷумаи институти Библия, Стокголм, Шветсия, 1992 гирифта шудааст.

Тамоми ҳуқуқҳо мувофиқи қонун дар бораи ҳуқуқҳои муаллифӣ ҳифз карда шудаанд. Дохили китоб ё муқоваи он  пурра ё қисман танҳо бо иҷозати хаттии муаллиф чоп карда мешавад.

Copyright © 2011 Joyce Meyer, All rigths reserved.

# Мундарича


Худо шуморо дӯст медорад 7

Оё дар назари Худо шумо ба ҳадди кофӣ хуб ҳастед? 15

Муҳаббат- ин муносибати дуҷониба аст 25

Муҳаббат, боварӣ ва имон 33

Озодӣ аз тарс 41

Муҳаббат диҳанда аст 47

Муҳаббати Худо шуморо тағйир медиҳад 55

Дуои тавба 60

Дар бораи муаллиф 62

# Муқадима

Ман фикр мекунам, ки одамон бештар аз ҳама чиз ба ошкоршавии дониш дар бораи муҳаббати Худо зарурат доранд. Худо ҳар яки моро дӯст медорад. Вақте ин чиз ошкор мешавад, он муҳимтарин асос барои зиндагии ғалабаовари ҳар як масеҳӣ мегардад. Мо на фақат ба дониш дар бораи муҳаббати Худо зарурат дорем, балки лозим аст, ки ин муҳаббат ба мо ошкор шавад. Лекин инро танҳо Рӯҳи Муқаддас ошкор месозад. Онро ҳам дар он замоне ошкор месозад, ки имондор дар бораи муҳаббати Худо фикр кунад, диққати худро ба он ҷалб намояд, изҳори ин муҳаббатро дар ҳаёти худ пай барад, дар Китоби Муқаддас ошкоршавии ин муҳаббатро ҷӯяд ва дар дуо бошад.

Хонандаи азиз, барои шумо дарк кардани он ки Худо ҷаҳонро он қадар дӯст дошт, ки Исои Масеҳро ба он фиристод, то ки қурбонӣ барои тамоми одамизод гардад, осон аст, лекин дарк кардани он ки Худо шахсан шуморо дӯст

медорад мушкил аст. Ӯ шуморо то он дараҷа дӯст медорад, ки агар шумо ягона инсон дар рӯи ин замин мебудед, Ӯ ба ҳар ҳол Исоро барои ҷон додан ба хотири шумо мефиристод.

Ман бисёр вақт афсурда мешудам, лекин Худо аз рӯи марҳамати Худ ва ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба ман ошкор кард, ки чӣ қадар муҳаббати Ӯ нисбати шахсан ман беандоза калон аст.

Он чизе, ки ба ман ошкор шуд, ҳаёт ва муносибати маро бо Худованд комилан тағйир дод. Ман умед дорам, ки ин китоб ба шумо як фаҳмиши нав дар бораи муҳаббати Худо ва ташнагӣ барои ошкор гардондани ин муҳаббат аз ҷониби Ӯ медиҳад. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки саҳифаҳои ин китобро бодиққат хонда,оиди он ҷойҳои навиштаҷоте, ки оварда шуданд, ва ба назарияҳое, ки ман меорам, андеша кунед.

Хонандаи азиз,баробари пешкаш кардани ин китоб ман ҳамчунон дарк мекунам, ки бе Худо ман ҳеҷ ҳастам ва ҳар чизе, ки ба шумо ошкор мешавад, аз ҷониби Ӯст ва дониш дар бораи каломи Худо, ки ба ман дода шудааст, танҳо аз рӯи файз ва марҳамати Худованд мебошад.

# 1

# Худо шуморо дӯст медорад

*Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.*

Юҳанно 3:16

Худо соҳиби оила шудан мехост, барои ҳамин Ӯ моро офарид, то ки фарзандонаш бошем. Лекин Ӯ намехоҳад, ки мо нозунуз карда аҳмақона рафтор кунем.Хоҳиши Ӯ ин аст, ки мо аз Ӯ вобаста бошему ба Ӯ такя кунем, ба Ӯ боварӣ дошта бошему Ӯро дӯст дорем ва иҷозат диҳем, ки Ӯ моро дӯст дорад. Ӯ мехоҳад, ки мо ба Ӯ таваккал намоем ва дар вақти мӯҳтоҷӣ ҳалли онро аз Ӯ талаб кунем. Ӯ ташна аст, ки бо шумо муносибатҳои шахсӣ дошта бошад.

Бисёриҳо ин оятро хонда, онро ба таврӣ умумӣ маънидод мекунанд: "Бале, ман медонам, ки Исо барои тамоми ҷаҳон ҷон дод." Лекин фикр накунед, ки Исо ҷони худро барои тӯдаи мардум дод. Ӯ ҷони Худро барои ҳар як шахс алоҳида ҷон дод. Ӯ шахсан барои шумо ҷон дод.

Агар шумо ягона инсон дар рӯи ин замин мебудед, ба ҳар ҳол Ӯ барои шумо ҷон медод. Ӯ ба хотири шумо шуда аз ҳар азобу уқубат мегузашт. Азбаски Исо шуморо дӯст медорад ва то абад дӯст хоҳад дошт, Ӯ барои шумо ҷон дод.

Боре,вақте ки ман мошин мерондам, Худо ба ман гуфт: "Ҷойс, ту гавҳараки чашми Ман ҳастӣ." Ман ҳатто намедонистам, ки ин суханон дар Китоби Муқаддас ҳастанд.Ҳамон лаҳза шайтон фикри худашро ба ман сари ман овард: " Ин ғурурат ба ту гап мезанад! Оё ту дар бораи худ фикри баланд намекунӣ?" Ва ман бо фикри шайтон розӣ шудам: " Ман набояд дар бораи худ ин қадар боло фикр кунам". Барои мо дарк кардани он ки мо як нафари махсус ҳастем, дорои ин ё он хусусиятҳо мебошем ва аз дигарон фарқ мекунем, мушкил аст. Вале ба ҳар ҳол ҳар яки мо махсус ва инфиродиҳастем ва ҳар якеамонро Падари Осмонӣ офаридааст у мо аз якдигар фарқ мекунем.

Вақте ки ман дар бораи ин фикр мекардам, Худо ба назари ман як тасвиреро овард: Зане дар мағоза истода, ба себҳои дар фурӯш монда назар мекард. Ӯ ба ҳамаи он қуттиҳо нигоҳ карда, як себи беҳтаринро ёфтуба даст гирифтанӣ шуд. Баъд Худованд ба ман гуфт: “Ман туро аз байни бисёриҳо интихоб кардам, чунки туро шахси махсус мешуморам”. Ман барои Ӯ махсус ҳастам! Ин суханон ба назар мағрурона шояд намояд, аммо Худо онро ба ҳар яки мо мегӯяд. Ва инро аз барои он намегӯяд, ки мо аз дигарон беҳтар ҳастем. Ӯ мегӯяд, ки ҳар яки мо махсус ва беҳамто мебошем. Инро навиштаҷот низ тасдиқ мекунад. Худо ба ҳар яки мо муроҷиат карда мегӯяд: “Ту гавҳараки чашми Ман ҳастӣ”.

Ман ин суханони Худоро қабул накарда, худро маҳкум сохта, фикр мекардам, ки ин фикрҳои ҳавобаландона ҳастанд. Баъд аз чанд рӯз Китоби Муқаддасро кушода, дар он ҷо хондам: “Ҳамчун гавҳараки чашм маро нигаҳбонӣ намо; дар сояи болҳои Худ маро пинҳон бикун” (Забур 16:8). Ман гуфтам: “Ин дар асл Худо буд. Мангавҳараки чашмони Худо мебошам”. Ин суханон ба ёди ман меоранд, ки ман махсус ҳастам.

Ҳар як инсон мехоҳад, ки ӯро дӯст дошта бошанд. Ин ташнагӣ нисбати муҳаббатро Худо

дар дилҳои мо гузоштааст. Мо ҳатто бовар мекунем, ки Худо тамоми ҷаҳонро дӯст медорад ва Исоро низ дӯст медорад, лекин нисбати муҳаббати Худо ба ҳар як инсон дар алоҳидагӣ шубҳа мекунем. Ба ҳар ҳол Калом таълим медиҳад, ки Худо чӣ тавре ки Исоро дӯст дорад, шуморо ҳам айни ҳамон тавр дӯст медорад.

“Зеро Падар Писарро дӯст медорад ва ҳар он чи Худаш мекунад, ба Писар нишон медиҳад; ва корҳои бузуртар аз ин ҳам ба Ӯ нишон хоҳад дод, то ки шумо тааҷҷуб намоед” (Юҳанно 5:20). Худо дар ин ҷо мегӯяд: “Ман корҳои бузургро ба воситаи Исо мекунам ва аз он бузургтарро ҳам мекунам ва шумо дар ҳайрат мемонед” (истилоҳи муаллиф). Медонед, Худо мехоҳад, ки шумо аз корҳои дастони Ӯ тааҷҷуб кунед. Ӯ мехоҳад, ки шумо ҳангоми хондани навиштаҷот ба корҳое, ки Худо ба воситаи Исо мекард, аҳамият дода, бо ҳаяҷон гӯед: “Худоё, корҳои Ту чӣ қадар аҷиб ҳастанд!”

“Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар ки ба Ман имон овард, аъмолеро, ки ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз он ҳам хоҳад кард, зеро ки Ман назди Падар меравам” (Юҳанно 14:12). Исо назди Падари худ рафт, барои ҳамин Худоайни ҳамон корҳоро ва ҳатто

бештар аз онҳоро ба воситаи мо кардан мехоҳад. Оё шумо ба ин имон доред? Оё ҳақиқатан шумо боварӣ доред, ки Худо шуморо дӯст медорад ва ба воситаи шумо амал кардан мехоҳад?

Боре, ман мисли ҳар вақта каломро мехондам, ки Худо ба ман муроҷиат карда гуфт: "Ҷойс, ман ҳар рӯз барои одамон бисёр корҳои аҷиб мекунам, чунки онҳоро дӯст медорам, лекин онҳо ҳатто ин корҳо пайхас намекунанд. Онҳо инро дарк намекунанд. Фарзи мисол: ҳар рӯз, ки ба офтоб амр мекунам, ки дурахшад, Ман инро барои ту Ҷойс, барои Бетти, барои Ҷимми, барои... (дар ин ҷо номи худро гузоред) мекунам".

Як бор фикр кунед: офтоб ҳар рӯз дар осмон барои шумо шуда тулӯъ менамояд. Тулӯи офтоб ин қадар аҷоиб аст! Лекин ин ҳолатро шумо мисли як ҳолати оддӣ қабул мекунед. Шумо медонед, ки офтоб албатта тулӯъ мекунад, лекин дарк намекунед, ки он махсус барои шумо тулӯъ мекунад. Ва дар вақти гармо, ки борон меборад, ин барои шумо шуда меборад. Ҳама чизе, ки рӯй медиҳад, дар бораи муҳаббати беҳадду канори Худо шаҳодат медиҳад.

"Пас бидон, ки Худованд Худои Ту Худост, ки Худои амин аст, ки аҳд ва марҳамати Худро ба онҳое, ки Ӯро дӯст медоранд ва аҳкомашро

риоя менамоянд, то ҳазор насл нигоҳ медорад” (Такрори Шариат 7:9).

Оё ҳазор насл кифоят мекунад, то ки шумо бузургии муҳаббати Худоро дарк намоед? Ӯ Худои абадист ва ҳеҷ чиз Ӯро монда намесозад. Шояд ба назари шумо намояд, ки бо камбудиҳо ва нокомиҳои худ Худоро монда сохтед? Не, ин ғайриимкон аст! Муҳаббати Худо хотима намеёбад ва ҳеҷ чиз Ӯро водор карда наметавонад, ки аз муҳаббати Худ нисбати мо даст кашад. Муҳаббат ва фақат муҳаббат аст, ки Худо барои мо мекунад. Муҳаббат- ин Худи Худост.

Худо ҳатто гуноҳкори охирину пасттаринеро дӯст медорад. Ҳатто агар ин гуноҳкор дар рӯи замин зиндагӣ карда, аз Исо рӯй гардонида “Ман Туро дидан намехоҳам ва аз рафтан ба дӯзах хуш ҳастам” гуфта бошад низ Худо ӯро дӯст медорад . Пас чӣ тавр Ӯ касонеро, ки барояш писар ё духтар хонда шудаанд, дӯст надорад?

Имкон дорад, ки шумо аллакай Исоро дар дили худ қабул карда, якчанд маротиба ба Ӯ изҳори муҳаббат карда бошед. Лекин аз шумо пурсидан мехоҳам: оё шумо боварӣ доред, ки Худо шуморо дӯст медорад?

Ин хеле содда аст: Худо шуморо дӯст медорад.

Агар шумо чизҳои дигарро дар ин олам дарк кардан хоҳед, аввал дар ин каломи ростӣ устувор гардед. Новобаста аз он ки шумо чӣ қадар бештар чизҳоро аз Каломи Худо дарк мекунед, агар ба муҳаббати пурқудрати Худованд, ки Ӯ нисбати шумо дорад, иқрор накунед, дар ҳаёт муваффақият ба даст оварда наметавонед.

Дарк кардани муҳаббати Худо таҳкурсӣ барои имон, озодӣ аз гуноҳ, қобилияти далерона ба одамон хизмат карданатон мебошад. Оё шумо муҳаббати Худоро қабул мекунед?

***Худо шуморо беҳадду канор дӯст медорад!***

# 2

# Оё дар назари Худо шумо ба ҳадди кофӣ хуб ҳастед?

“Ва умед шарманда намекунад, чунки муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳи Муқаддас, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст.

Зеро ки Масеҳ, ҳангоме ки мо ҳанӯз суст будем, дар вақти муқарраршуда барои осиён (ҳангоме, ки барои худ мадад расонида наметавонистем) мурд.

Зеро гумон намеравад, ки касе барои одиле бимирад, вале эҳтимол дорад, ки барои ягон накӯкоре касе ба мурдан ҷуръат кунад.

Лекин Худо муҳаббати Худро нисбати мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз

гуноҳкор будем, Масеҳ (тадҳиншудаи Худо) барои мо мурд.

Пас, алалхусус (бе шубҳа) алҳол, ки бо хуни Ӯ сафед шудаем, (одил шудаем ва мавқеъи дурустро дар назари Худо ишғол кардаем) ба воситаи Ӯ аз ғазаб наҷот хоҳем ёфт.

> *Зеро ки агар бо Худо ҳангоми душман будани худ, ба воситаи мамоти Писари Ӯ мусолиҳа карда бошем- пас алалхусус баъд аз мусолиҳа кардан, мо ба воситаи ҳаёти Ӯ наҷот хоҳем ёфт".*
>
> Румиён 5:5-10

Бисёриҳо боварӣ доранд, ки  Худо онҳоро фақат ҳангоми дуруст рафтор карданашон дӯст медорад. Аксарият одамон аз рафтори худ норозӣ буда, фикр мекунанд, ки Худо низ аз онҳо хуш нест. Дар навиштаҷот гуфта шудааст: "Пас инсон кист, ки ӯро ёд кунӣ?" (Забур 8:5)

Ҷавобаш содда аст: шумо - махлуқоти Худо мебошед. Ва Худо шуморо дӯст медорад, чунки "Худо муҳаббат аст" (1 Юҳанно 4:16)

Худованд шуморо дӯст медорад. Шумо-махсус, беҳамто ва нотакрор ҳастед. Шумо набояд ҳаракати ба ман ё ягон каси дигар монанд

шуданро кунед. Вақте ки инсон ба касе тақлид кардан ё монанд шудан мехоҳад, бисёр бадбахт мешавад. Бо чунин кӯшишҳо шумо ба шайтон имконият медиҳед, ки шуморо ба он бовар кунонд, ки дар назари Худо шумо наонқадар хуб ҳастед. Лекин ба шумо зарур нест, ки кӯшиш карда дар назари Худо "ба қадри кофӣ хуб" шавед.

Исо ба мурдан на аз барои он розӣ шуд, ки шумо шахсӣ бузург ва ғайриоддӣ ҳастед, балки муҳаббат нисбати ҳар як гуноҳкор Ӯро ба марги салиб овард. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Ӯ шуморо он қадар дӯст дошт, кибарои шумо ҷон дод. Ва ҳоло ки шумо бо хуни Ӯ шуста шудаед, пас муҳаббати Ӯ нисбати шумо чӣ қадар зиёдтар аст? (ниг. Румиён 5:9)

Муҳаббати Ӯ кофӣ аст, ки ҳар рӯз хатогиҳои шуморо бубахшад. Ӯ шуморо ончунон сахт дӯст медорад, ки барои ҳаёти ҳаррӯза ғалаба ба шумо медиҳад.

Боре Худо ба ман назари Худро нисбати хатогиҳо баён карда чунин тасвир кард. Тасаввур кун, ки як духтарак ҳаст ва модари ӯ хонаро рӯбучин мекунад. Ӯ хеле модари худро дӯст медорад ва мехоҳад кӯмак кунад. Ана ин духтрак як сатли хурди обро гирифта, назди тиреза меояду

бо латачаи худ ба шустани шишаҳои тиреза сармекунад. Ҳангоме, ки модараш "натиҷаи" корӣ духтарчаашро мебинад, мефаҳмад, ки ӯ латаи беҳтаринро бекора карда, партофтааст ва модар мехоҳад, ки духтарчашро ҷазо бидиҳад. Лекин духтарак бо овози нарми худ мегӯяд: "Модарҷон бубин ки ман чӣ тавр тирезаҳоро пок карда, ба ту ёрдам додам. Модарҷон ман туро дӯст медорам!" Модарӣ меҳрубон барои кӯмак миннатдорӣ баён карда мегӯяд: "ту бисёр хуб кор кардӣ, офарин духтаракам!" Баъдан, ки духтарак бо кори машғул мешавад, модар ҳама чизро ба тартиб дароварда ва ба ӯ оҳиста мефаҳмонад, ки дар чунин ҳолатҳо аввал бо модар маслиҳат кунад беҳтар аст.

Худо ба ман нишон дод, ки Ӯ маҳз ҳамин тавррафтор мекунад. Ӯ доимо натиҷаҳои хатогиҳои моро ислоҳ мекунад. Агар шумо аз сидқи дил ба Ӯ писанд омадан хоҳед, ин барои Худо кофӣ аст. Ба он чизе, ки мо қодир нестем, Худо онро аз мо талаб намекунад. Агар шумо гӯед: "Худованд ин хатогии ман аст, ман кӯшиш кардам, вале шароитро тағйир дода натавонистам". Ӯ ба шумо мадад мекунад, чун Ӯ мефаҳмад, ки бе кӯмаки Ӯ аз дасти шумо ин кор намеояд.

“Зеро Он Касе, ки Худо фиристод, каломи Худоро мегӯяд; (хабари Худоро эълон мекунад), зеро Худо Рӯҳро бамизонато намекунад.

*Падар Писарро дӯст медорад ва ҳама чизро ба дасти Ӯ супоридааст”.*

Юҳанно 3:34-35

Боре ман ин оятро хонда аз хурсандӣ гиря кардам, чунки Худо Рӯҳи Худро беандоза медиҳад. Ӯ ба мо камтар аз ину камтар аз он намедиҳад. Ӯ мегӯяд: “Ҳар он чӣ дорам, бигир”. Барои ҳамин тамоми пуррагии муҳаббати Худо ва қуввати Ӯ имрӯз ба мо дастрас мебошад. Ҳар чӣ ба мо лозим аст, Ӯ дорад ва Ӯ мехоҳад, ки шумо онро бигиред. Барои чӣ? Барои он ки Ӯ шуморо дӯст медорад! Барои муҳаббати Ӯро ба даст овардан, ба шумо ягон заҳмат кашидан лозим нест. Барои ин зебогии зоҳирӣ ё ақли комил зарур нест. Худо аз рӯи муҳаббати худ шуморо баракат додан мехоҳад.

“Зеро ки ту барои Худованд Худои худ қавми муқаддас ҳастӣ; Худованд Худоят туро баргузидааст, то аз миёни ҳамаи қавмҳое, ки дар рӯи замин ҳастанд, қавми ҳуҷистае барои Ӯ бошӣ.

*На аз он сабаб Худованд ба шумо дил бастааст ва шуморо баргузидааст, ки шумо аз ҳамаи қавмҳо сершумортар бошед-зеро ки шумо аз ҳамаи қавмҳо камшумортар будед".*

Такрори шариат 7:6-7

Худо халқи Исроилро ҳамчун халқи Худ интихоб кард. Имрӯз мо, имнодорон халқи Ӯ ҳастем, аз ин сабаб ин оятҳо ба мо низ тааллуқ доранд. Худо гуфтаст: "Ман шуморо на аз сабаби он интихоб кардаам, ки шумо дар тамоми олам бузургтарин ҳастед ва ҳамаи корҳои шумо аз рӯи адолат аст ва шумо худатон чунон аҷоиб ҳастед". Ӯ ҳатто таъкид кардааст, ки Исроилиён халқи камшумор буданд ва дар давомаш Ӯ мегӯяд:

*"Балки аз он сабаб ки Худованд шуморо дӯст медошт ва аз он сабаб, ки мехост қасамеро, ки ба падарони шумо хӯрда буд, риоя намояд, Худованд шуморо бо дасти қавӣ берун овард ва туро аз хонаи ғуломӣ, аз дасти фиръавн, подшоҳи Миср, раҳо кард."*

Такрори шариат 7:8

Дӯсти азиз! Ин аҷоиб аст! Худо мегӯяд: " Ман туро дӯст доштам ва туро муқаддас эълон кардам.

Ман гуфтам, ки ту махсус ҳастӣ. Ман туро на аз сабаби беайбиат ё бегуноҳиат интихоб кардам, балки туро дӯст доштам”. Оё шумо медонед, ки Худо аз шумо чӣ мехоҳад? Ӯ мехоҳад, ки шумо ба муҳаббати Ӯ бовар кунед ва онро қабул кунед.

Барои бисёре аз мо мушкили калон дар он аст, ки мо худамонро хуш надорем. Ба фикрамон мо аз ҳама бадтарин инсон ҳастем, барои ҳамин бовар карда наметавонем, ки Худо ё каси дигар моро дӯст медорад. Мо фикр мекунем, ки “чӣ тавр маро дӯст медорад, охир ман бисёр камбудиҳо дорам?”

Агар шумо ба назари худатон безеб ва дилнопазирбошед, ин ҳатман ба фикрронӣ, рафтор ва суханонатон таъсир мекунад. Шумо аз он тасвире, ки дар бораи худ доред, беҳтар шуда наметавонед.

Ман ҳам ин мушкилиро доштам, ки худам ба худам маъқул набудам ва бо ҳар роҳ мехостам тағйир ёбам. Ба назарам ман бисёр сергап будам, бинобар ин ҳаракат мекардам, ки кам гап бошам. Ин кӯшишҳо ба он оварда мерасониданд, ки ман ба ҳолати рӯҳафтодагию ғамгинӣ меафтодам. Ба ҳама ҳайратовар буд, ки чаро ман камгап шудам. Аз сари ман бошад чунин фикр мегузашт: “шумо худатон мегуфтед-

ку забони ман хеле дароз аст. Акнун маро ба ҳоли худ гузоред, зеро ман мехоҳам ҳоло аз ин норасогиам озод шавам.” Ва ман солҳои дароз ин кӯшишро мекардам, лекин тоҳол баъзан аз барои забонам ба душвориҳо дучор мешавам. Ман пайхас кардам, ки бисёр нафарони пургӯй ба худ ҳамсарони кам гапро интихоб мекунанд ва ин ҳолатро шайтон истифода карда, доимо ба онҳо дар бораи забони дарозашон хотиррасон карда, онҳоро ба худмаҳкумкунӣ водор месозад.

Худо мехоҳад, ки шуморо аз худмаҳкумкунӣ озоднамояд. Лекин барои озод шуданбарои шумо имон ва иродаи мустаҳкам лозим аст.

Оё шумо медонед, ки худро айбдор ҳис кардан ягон рафтори шуморо сафед карда наметавонад? Аммо ба мо бовар карданмушкил аст, ки ҳангоми ягон кори беақлона карданамон Худо ба ҳар ҳол моро дӯст медорад, магар ҳамин тавр нест?

Шайтон гаштаю баргашта ба шумо мегӯяд, ки шумо одами бад ҳастед, андоми безеб ва хислати нафратангез доред.Шайтон ин тавр мегӯяд: “Чаро ту чунин рафтор кардӣ? Ана ҳоло худат дар бораи худ чӣ фикр мекунӣ? Ту гуноҳкорӣва Худо ҳеҷ гоҳ туро баракат намедиҳад. Ту дар бораи Ӯ ба одамон чӣ гуфта метавонӣ, дар ҳоле ки худат доимо нодуруст рафтор мекунӣ?”

Дар чунин ҳолатҳо ба Худо дуо карда, гӯед: “Худованд ман хатогӣ кардам ва аз рафтори нодурусти худ тавба мекунам. Аз Ту хоҳиш мекунам маро бубахш. Ман бовар мекунам, ки Ту маро бахшидӣ ва ба шайтон иҷозат намедиҳам, ки боз маро фиреб диҳад”. Акнун шумо бахшида шудаед, хурсанд ва хушҳол бошед! Эҳтимол шумо фикр мекунед, ки айни ҳамон хатогиро такрору ба такрор мекунед.Ман ҳам чунин фикр мекардам, то даме ки худмаҳкум карданро бас накардам. Аз барои корҳои содир кардаатон худро маҳкум накунед-  он гоҳ ин корҳоро дигар такрор намекунед!

Ҳисси айбдорӣ ва маҳкумият бори моро вазнин мекунад, худамонро зери фишор мегузораду аз озодӣ маҳрум месозад. Барои аз худмаҳкумкунӣ озод шудан ба шумо имон ва далерӣ зарур аст: дар рӯҳ боқувват буда, қоматҳои худро боло карда ва ҳиссиёти айбдориро пурра инкор кунед. Шайтон ба шумо мегӯяд: “Ту-чи ҳатто дар ин бобат афсурда ҳам намешавӣ? Ту бояд ақаллан якчанд соат худро бад ҳис кунӣ, чунки рафтори ту хеле бад буд”. Шайтонро хомӯш сохта гӯед: “Бас аст, дар ин бобат  ман умуман афсурда намешавам”. Дар аввал ба шумо барои зиддият ба ҳамлаҳои ӯ нишон додан мушкил мешавад, лекин таслим нашавед, он гоҳ шумо хисси айбдориро мағлуб

мекунед.

Каломи Худо мегӯяд, ки ҳангоме Исо гуноҳи моро гирифт, Ӯ ҳамчунин айб ва худмаҳкумкуниро ба салиб бурд (ниг. Ишаё 53:5 6, 11). Лекин шайтон мехоҳад, ки шумо худмаҳкумкуниро давом диҳед. Чаро? Чун вақте ки худро маҳкум мекунед, ин шуморо аз Худо дур месозад. Агар шумо бо ин бори маҳкумият зиндагӣ кунед, он гоҳ бо пуррагӣ аз муҳаббати Худо ҳаловат бурда наметавонед. Ин маҳкумият мисли пардаи оҳанин байни шумову Худо фуруд меояд.

Ҳангоме ки ҳисси айб ба шумо фишор меорад, шумо Худовандро дида наметавонед. Дар пеши чашмонатон танҳо айб ва гуноҳатон мебошад.

Худро маҳкум накунед, имон дошта бошед, ки агар Худо гуфтааст, ки барои гуноҳҳои шуморо рӯйпӯш кардан файзу марҳамати Ӯ кофист, пас ҳамин тавр ҳам ҳаст.Худованд шуморо дӯст медорад, аз ин рӯ файзу марҳамати Худро ба шумо мебахшад.Шумо инро фақат қабул кунед. ***Худо шуморо дӯст медорад.***

# 3

## Муҳаббат- ин муносибати дуҷониба аст

*Ва мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, медонем ва ба он эътимод дорем. Худо муҳаббат аст, ва ҳар кӣ дар муҳаббат сокин аст, вай дар Худо сокин аст, ва Худо дар вай.*

1 Юҳанно 4:16

Мо чӣ тавр муҳаббати Худоро дарк карда метавонем? Агар шумо дарк накунед, ки Худо шуморо дӯст медорад, пас новобаста аз бузургии муҳаббати Худо, он ба шумо фоида намедиҳад. Оё медонед, ки ҳангоме касе шуморо бисёр сахт дӯст доштанаш, чӣ қадар ҷонатон ҳисси роҳат мекунад? Ин ҳиссёти аҷоиб шуморо қодир месозад, ки ба тамоми мушкилиҳои ин олам ғолиб бароед. Худо шуморо дӯст медорад ва

мехоҳад, ки муҳаббати Ӯро бубинед.

Хоҳиши Худо ин аст, ки шумо ҳаррӯза бо Ӯ муносибат дошта бошед. Оё шумо муносибати шахсӣ бо Худо доред?Чанд сол пеш наҷот ёфтан ин маънои онро надорад, ки шумо имрӯз бо Ӯ муносибати шахсӣ доред. Саҳарӣ, ҳангоме ки ман чашмони худро мекушоям, фикри аввалин дар бораи Худо аст ва фикрҳои охири рӯз пеш аз хоб карданам низ дар бораи Ӯ ҳастанд. Ман тамоми рӯз дар бораи Худованд фикр мекунам. Бештар аз ҳама чиз ман мехоҳам, ки ба Худованди худ хизмат кунам ва ба Ӯ писанд оям. Аз барои ин ман аз баҳри ҳама чиз баромада метавонам.

Худо дар дохили мо ҷоеро офаридааст, ки танҳо Худаш пур карда метавонад. Ҳеҷ чизе, ки мо ба даст овардани ҳастем, ин холигиро пур карда наметавонад. Шумо гуфта метавонед: “ман ҳамаи инро медонам, чунки чандин сол аст, ки ба Исо имон дорам”. Оё шумо ҳар дақиқа, ҳар лаҳза, дар ҳар шароит, ҳар рӯз ҷӯёни Ӯ ҳастед? Оё шумо муҳаббати Худоро қабул мекунед? Худо шуморо дӯст медорад, шумо барои Ӯ шахси махсус ва беҳамто мебошед. Ӯ шуморо барои муносибат бо Худ офаридааст ва ин хоҳиши бузург ва иродаи комили Ӯ нисбати шумост. Ҳар саҳарӣ Ӯ ба шумо нигоҳ карда мегӯяд: “Субҳ ба

хайр, ман туро дӯст медорам”.

Боре дар вақти дуо ба яке аз шиносони ман Худо як чизро аён кард. Ӯ дид, ки саҳарӣ Худованд ба хонаи имондорон медаромад. Ӯ меомад, то ки бо онҳо муносибат кунад ва ба курсӣ ё сари дастархон менишаст. Одамон аз хоб мехестанд, либосҳои худро дар бар карда ба кор рафтан тайёрӣ медиданд, ба назди Ӯ меомаданд... ва боз аз паи корҳои худ мерафтанд. Онҳо мегуфтанд: “Худованд, як лаҳза мунтазир бош, корҳои худро ба охир расонам, пас пеши Ту меоям ва баъд сӯҳбат мекунем, хуб аст? Пасонтар Худованд....”

Рӯз ба поён мерасид ва ҳеҷ кас наомад, то ки бо Худованд сӯҳбат кунад ва Ӯ бо сари хам он хонаро тарк мекард.

Оё шумо бо кору бор бисёр банд ҳастед? Ҳаёти шумо серташвиш аст? Агар шумо барои дуо гуфтан ва бо Худо муносибат кардан вақт надошта бошед, он гоҳ шумо аз ҳад зиёд серкор ҳастед. Шояд шумо ягон вақтеро пайдо мекунед, ки ба Худо бигӯед чӣ қадар Ӯро дӯст медоред. Вақте ки ҳаёти заминӣ ба охир мерасад, он гоҳ танҳо Худо мемонад. Ҳангоме ки дар назди Ӯ меистед, барои муносибатҳои худро бо Худо сохтан дер мешавад. Ин маънои онро надорад, ки шумо ба осмон намеравед, балки худро дар

замин аз ҳаёти ғалабаовару хурсандона маҳрум месозед.

Ман як пешниҳод дорам: ақаллан як сол иҷозат диҳед, ки шуморо дӯст дорад. Кӯшишҳои худро нисбати имони бузург ва қуввати азим ба даст оварданро як сӯй гузоред. Ва дар муносибатҳои худ бо Худо мисли кӯдаки хурд бошед. Дар бағали Падари худ нишаста, ба Ӯ иҷозат диҳед, ки шуморо навозиш дода, муҳаббат ва некиашро ба шумо нишон диҳад. Агар ба Ӯ иҷозат надиҳед, ки ба шумо муҳаббаташро изҳор намояд, шумо низ ба Ӯ муҳаббати худро изҳор карда наметавонед.

*Ва мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, медонем ва ба он эътимод дорем. Худо муҳхаббат аст, ва ҳар кӣ дар муҳаббат сокин аст, вай дар Худо сокин аст, ва Худо дар вай.*

1 Юҳанно 4:16

Оё шумо саҳарӣаз хоб бедор шуда якчанд дақиқа фикр мекунед, ки чӣ қадар сахт Худо шуморо дӯст медорад? Баъзан саҳарӣ табъӣ мо чунон бад аст, ки ҳеҷ кор карданамон намеояд. Дар ин ҳолатҳо барои худро хуб ҳис кардан дуо гӯед. Дуо ба рӯҳи шумо қувват мебахшад ва рӯзатонбо мувафақият мегузарад. Саҳарӣ аз хоб бедор шуда, гӯед:

Падар, ман туро барои муҳаббати беканорат шукр мекунам. Миннатдорам, ки Ту Исоро барои ман фиристодӣ, то ки Ӯ ҷони худро фидо кунад. Раҳмат Падар, ки ту Маро бо Рӯҳи Муқаддас пур кардӣ ва қуввати Ту дар ман аст. Худовандо, ман аз Ту миннатдорам, ки имрӯз баракатҳои Ту маро дар ҳар ҷое, ки бошам, пайравӣ мекунанд. Падар, Ту маро дӯст медорӣ ва муҳаббати Ту маро иҳота мекунад. Ман фарзанди дӯстдоштаи Ту ҳастам. Ман гавҳараки чашмони Ту мебошам. Ту маро дӯст медорӣ!

Ин суханонро гуфта, маънояшро дарк кунед. Бифаҳмед, ки шумо на танҳо бо муҳаббати Худо иҳота гаштаед, балки он ба дохили шумо ҷорӣ мешавад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки суратҳоимо дар кафи дасти Худованд мебошад (ниг. Ишаё 49:16). Ба худ тасаввур карда метавонам, ки чӣ тавр Ӯ ба ин акс нигариста мегӯяд: "Ана бинед!Магар ба ростӣ фарзандони ман зебо нестанд? Ман хеле зиёд онҳоро дӯст медорам. Ба онҳо нигоҳ кунед, ана онҳо дар кафи дастони Ман мебошанд". Сурати шумо шаҳодати абадии он аст, ки Худо шуморо чӣ қадар сахт дӯст медорад ва ташнаи муносибатҳо бо шумо мебошад.

Ба Худо барои муносибат доштанатон бо

Ӯ, барои наҷот ёфтанатон бештару бештар миннатдор буда,дар назди Ӯ ба зону афтода, дуо кунед. Ба Худо рӯй оваред Ӯ шуморо дӯст медорад.

*Ва мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, медонем ва ба он эътимод дорем. Худо муҳаббат аст ва ҳар кӣ дар муҳаббат сокин аст, вай дар Худо сокин аст ва Худо дар вай.*

*Муҳаббат дар мо он чунон ба камол расидаст, ки мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат дорем, зеро, чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон ҳаст, ончунон мо ҳастем.*

1 Юҳанно 4:16-17

Ба Худо таваккал намоед, чунки Ӯ шуморо дӯст медорад. Ба Ӯ иҷозат диҳед, ки шуморо дӯст дорад ва шумо бисёртар соҳиби баракатҳои Ӯ, аз ҷумлаи имон, ғалаба бар гуноҳ, шифо, нашъунамо ва хурсандӣмегардед.Ҳамаи ин баракат дода мешавад, агар ту ба Худо иҷозат диҳӣ, ки туро дӯст дорад. Одатан мо ин ақидаро баръакс мефаҳмем, яъне фикр мекунем, ки мо бояд Худоро дӯст дорем. Ман боварӣ дорам, ки пеш аз ҳама ту ба Худо бояд иҷозат диҳӣ, ки Ӯ туро дӯст дорад. То вақте ки ба Худо иҷозат надиҳӣ, ки туро дӯст дорад, ту низ муҳаббати

худро ба Худо изҳор карда наметавонӣ.

Ман маслиҳат дода метавонам, ки ту бо Худо муносибат кунӣ ва ба дӯстӣ бо Худо зарурат дошта бошӣ, лекин гап дар он аст, ки инро чӣ тавр кардан лозим аст. Вақте Худо маро даъват кард, ки бо Ӯ муносибат кунам, ман дар курсӣ нишаста гуфтам: "Акнун чӣ, Худоё," Ин маҳз ҳамин тавр буд. Ман намедонистам, ки бо Худо чӣ тавр муносибат кунам, барои он ки дар он замон ман то андозаи кофӣ дарк намекардам, ки Худо чӣ қадар маро сахт дӯст медорад.

Агар ту ба муҳаббати одамон нисбати худат боварӣ надошта бошӣ, пас чӣ тавр ту ба онҳо муҳаббати худ иқрор карда метавонӣ? Ту метарсӣ, ки дар назари онҳо ахмақона намоён нашавӣ. Мо худро бо касоне роҳат ҳис мекунем, ки медонем, онҳо нисбати мо ҳиссиёти нек доранд. Ман аз дигарон дида бо шавҳари худ бештар озодона муносибат мекунам, чунки боварӣ дорам, ки вай маро дӯст медорад. Бо Худо низ чунин аст.

Қадами аввалро гузор. Ба Ӯ ин имкониятро пешкаш кун ва Худо ба ту ёд медиҳад, ки чӣ тавр бо Ӯ муносибат кунӣ. Худи ҳозир ба худ савол деҳ: "Оё ман худро дар ҳузури Худо роҳат ҳис мекунам?"

***Худо туро дӯст медорад!***

# 4

# Муҳаббат, боварӣ ва имон

*“Зеро ки дар Исои Масеҳ на хатна аҳамият дорад ва на номахтунӣ. Балки имоне, ки бо муҳаббат амал мекунад”.*

Ғалотиён 5:6

Аксарияти одамон вақти зиёди худро барои ба даст овардани имони бештар сарф мекунанд. Мо медонем, ки бе имон ба Худо писанд омадан ғайриимкон аст (Ибриён 11:6) ва барои ҳамин зӯр мезанем, ки бештар имон дошта бошем. Лекин имон аз дил мебарояд ва танҳо ба воситаи муносибат бо Худо ба даст оварда мешавад. Ман шуморо таълим дода наметавонам, ки чӣ тавр имон доштан мумкин аст. Лекин ман дар бораи принсипҳо ва усулҳои имон гуфта,дар шумо ташнагӣ барои доштани имон ба вуҷуд оварда

метавонам, то ки шумо барои дастрас кардани ин имон ба ҳар кор тайёр бошед. Фақат вақте ки Худованд каломи Худро ошкор месозад, имон ба вуҷуд меояд.

Ҳаракат накун, ки бо кӯшишҳои худ ба Худо писанд биёӣ. Беҳтараш ором назди Худо истода, муҳаббати худро ба Ӯ изҳор кун ва бо Ӯ якҷоя вақт гузарон. Дар тӯли рӯз иҷозат деҳ, ки Ӯ туро дӯст дорад ва ту муҳаббати худро ба Ӯ изҳор намо.

"Зеро ки мо бо имон рафтор мекунем, на бо дидор (2 Қӯринтиён 5:7).

Боре, ҳангоме ки ман ин ҷои навиштаҷотро мехондам, Худо ҳақиқатҳои муҳимро ба ман ошкор намуд. Ана ман бо имон зиндагӣ кардан мехоҳам. Ҳар коре, ки дар зиндагӣ анҷом медиҳам, бо имон кардан мехоҳам. Аз рӯи Китоби Муқаддас имон ин муқоисаи ҳаёт ва рафтори мо аз рӯи боварии мо нисбати муносибати байни Худо ва инсон мебошад.

Дигар хел карда гӯем,сатҳи имони ман аз боварии ман нисбати муносибати инсон бо Худо вобаста аст. Фаҳмо аст? Одаме, ки худро гуноҳкор мешуморад, имон дошта наметавонад. Одаме, ки худро ночиз ва носазовор мешуморад ва ба муҳаббати Худо нисбати худ боварӣ надорад,

бигзор умед ҳам накунад, ки имон мустаҳкам дошта метавонад. Бисёриҳо соҳиби имон шудан мехоҳанд, аммо дар айни замон ҳеҷ фаҳмише на дар бораи муҳаббати Худо на он, ки дар Исои Масеҳ сафед ва бегуноҳ шудаанд, доранд.

Дар Номаи Ғалотиён (5:6) гуфта шудааст, ки “имон бо муҳаббат амал мекунад”. Оиди ин ҷои навиштаҷот Худо дар дили ман гуфт:“ин оятро одамон чунин мефаҳманд: агар ман дигаронро дӯст надорам, он гоҳ имони ман бе амал мемонад. Аммо дар ин ҷо умуман чизи дигар дар назар дошта шудааст. Маънои аслиаш дар он аст, агар одамон дарк накунанд, ки то кадом андоза Ман онҳоро дӯст медорам, он гоҳ имони онҳо бе амал мемонад.” Имон бе муҳаббат амал намекунад, дар ин ҷо сухан натанҳо дар бораи муҳаббати ту ба дигарон меравад. Ту бояд ба Худои Тавоно иҷозат диҳӣ, ки туро дӯст дорад, то ки имонат амал пайдо кунад.

Ту фарқи ин дуторо мебинӣ? Мо он гоҳ дар имон роҳ меравем, ки ба Худо боварӣ карда, пурра ба Ӯ таваккал намоем. Ту наметавонӣ ба касе пурра таваккал кунӣ, ки ба муҳаббаташ нисбати худ пурра эътимод надошта бошӣ. Агар ба муҳаббати Худо нисбати худ боварӣ надошта бошӣ,ту ба Ӯ пурра таваккал ҳам карда

наметавонӣ. Агар ту дар асл донӣ,ки Худо туро дӯст медорад,шифо ёфтан азХудо осон мешавад. Ту бо осонӣ аз Худо баракати молие, ки ба он зарурат дорӣ, гирифта метавонӣ.

Сабаби гирифта натавонистани бахшоишҳои Худоро дар он аст, ки ту боварӣ надорӣ, ки Худо онҳоро ба ту медиҳад. Ту шояд чунин мегӯӣ: "ман ба ин бовар кардан мехоҳам, лекин чӣ тавр амал кунам?"

Муҳаббати Худо дар дохилӣ туст ва танҳо чизе, ки ба ту зарур аст, шинохтани ин муҳаббат. Дар Китоби Муқаддас омадааст: "Мо Ӯро дӯст медорем, чунки аввал Ӯ моро дӯст дошт" (1Юҳанно 4:19). Агар мо боварӣ намедоштем, ки Худо аввал моро дӯст доштааст, бароямон Ӯро дӯст доштан ғайриимкон мебуд.

Муҳаббати Худо дар дохилӣ дили мо ҷой гирифтааст. Он дар дохиламон аст! Худо туро дӯст медорад! Ту зебо ҳастӣ! Ту пурарзиш мебошӣ! Ту аҷоиб мебошӣ! Худо туро дӯст медорад! Дар тамоми олам ҳеҷ кас туромисли Худо дӯст дошта наметавонад.

Бароят ҳеҷ кас ғайр аз Худо зарур нест, лекин Ӯ ба ҳаёти ту одамони дигарро низ медиҳад. Ҳақиқат дар он аст, ки агар дар ин ҷаҳон ҳеҷ

кас бағайр аз ту ва Худо набошад ҳам, ту ҳаёти олитарин медоштӣ. Худо дӯсти беҳтарини ту мебошад. Агар ту муҷаррад бошӣ, Ӯ мисли ҳамсарӣ ту мешавад. Агар ту ятим бошӣ Ӯ, ҳамчунпадару модар бароят мешавад.

Худо туро сахт дӯст медорад. Маҳз барои ҳамин ту пурра ба Ӯ боварӣ карда метавонӣ. Аз барои муҳаббати Ӯ ту бовар карда метавонӣ, ки Худо хоҳиш дорад, ки ту соҳибӣ бахшоишҳояш гардӣ. То инро надонӣ, имонат барои гирифтани чизе аз ҷонибӣ Худо ба ҳадди зарурӣ кофӣ намебошад.

Имон танҳо он вақт амал мекунад, ки мо ба Худо иҷозат диҳем, ки моро дӯст дорад.Қуввати имон аз қобилияти дӯстоштани ту вобаста нест. Иҷозат деҳ, ки Худо туро дӯст дорад! Дар тӯли рӯз ин суханонро ба Худо бигӯй: “Худованд, ман медонам, ки Ту маро дӯст медорӣ. Ҳалеллуё! Ҷалол ба Ту, эй Падар. Бигзор исми Ту ҷалол ёбад”.

Смит Вигглсворт марди бузурги Худованд буд. Боре як нафар аз вай пурсид, ки чӣ қадар тӯлони дуо мекунад. Ӯ ҷавоб дода гуфт: “Одатан ман аз си дақиқа зиёд дуо намегӯям, лекин бе дуо низ зиёда аз си дақиқа намебошам”. Боре ӯ гуфта буд, ки аз барои понздаҳ дақиқа бе муносибат бо

Худо гузаронидааш, тавба мекард.

Мо ҳаракат карда ягон кор мекунем, лекин онро аз тарафи дуРусташ оғоз намекунем. Бо корҳои худ ба Худо писанд омадан ғайриимкон аст. Худо моро танҳо аз барои моро дӯст доштанаш баракат медиҳад. Мо бахшоишҳои Ӯро ба монанде, ки наҷотро аз ҷониби Ӯ қабул кардем, қабул карда метавонем.

Барои аъзои оилаи худ ё каси дигарро ба наҷот овардани мо ягон кор карданамон лозим нест. Дар аввал ба Худо иҷозат деҳ, ки туро дӯст дорад ва баъд ту дигар одамонро дӯст дошта метавонӣ. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки барои касеро ба наҷот овардан ба ҷои "маъвизаҳои" худ ва ҳар гуна маккориҳои дилбазанро ба кор бурдан, басанда аст, ки ту худ Исоро дӯст дорӣ. Бо ёрии муҳаббати Худо, ки дар ту аён мегардад, Рӯҳи Худо дар он нафар кор мекунад. Аммо агар дар аввал ба Худо иҷозат надиҳӣ, ки туро дӯст дорад, худат касеро дӯст дошта наметавонӣ. Дар Номаи Эфсӯсиён 2:8 гуфта шудааст: "Зеро шумо ба воситаи файз наҷот ёфтаед..." Оё ту дарк мекунӣ, ки ту барои наҷот ёфтанат ҳеҷ корре накардаи?Пеш аз наҷот ёфтанамон умед ба беҳбудии ҳоламон набуд ва наҷоти мо дар ҳеҷ ваҷҳ дар асоси корҳои некамон ё росткориамон

набуд. Мо танҳо ба як сабаб наҷот ёфтаем: Худо моро чунон дӯст дошт, “ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар ки ба Ӯ имон оварад талаф (нобуд) нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ дошат бошад” (Юҳанно 3:16).

Файзро боз ин тавр маънидод кардан мумкин аст: ин хоҳиши Худо барои истифода бурдани тавоноиаш дар ҳаётамон аст, то ки мӯҳтоҷиҳои мо қонеъ гарданд. Чунон ки Ӯ аз рӯи файзи худ ба ту имони кофӣ барои наҷот ба даст овардан дода аст, ҳамчунон аз рӯи муҳаббати Худ имон барои шифо ёфтанат ба ту медиҳад. Ӯ ба ту имон медиҳад, то ки ту дарк карда тавонӣ, ки Ӯ таъминкунандаи Ту мебошад.

Агар Ӯ бароят имони кофӣ барои наҷот ёфтануаз тамоми гуноҳҳоят озод шудан дода бошад, айни ҳамон имон бароят ғалаба бар тамоми мушкилиҳои ҳаётат ба даст меоварад. Агар ту имон дошта бошӣ, ки Худо туро дӯст медорад ва ҳақиқатан инро дарккунӣ, он гоҳ ту пурра ба Ӯ таваккал менамоӣ ва дар ҳақиқатҳои Каломи Худо устувор мегардӣ. Ту яқин медонӣ, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегӯяд.

Тарҷумаи васеъи (Amplified Bible) Китоби Муқаддас мегӯяд, ки имон ин тамоми табиати инсониихудро ба Худо тобеъ кардан, пурра ба

Ӯ ва ба қудрату ҳикмат ва марҳамати Ӯ боварӣ кардан мебошад (Қӯласиён 1:4). Ба Худо иҷозат деҳ, ки туро дӯст дорад ва ту дӯстдоштани Ӯро ёд мегирӣ, ба Ӯ таваккал менамоӣ, ту соҳиби имон мегардӣ.

***Худо туро дӯст медорад!***

# 5

# Озодӣ аз тарс

*Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад, чунки ҳарос азоб дорад, ва касе, ки меҳаросад, дар муҳаббат комил нест.*

1 Юҳанно 4:18

Одатан чунин ҳолатҳо ҷой доранд: Мо боварӣ дорем, ки Худо моро дӯст медорад ва бо имон доштан ягон мушкилӣнадорем, лекин ногаҳон дар ҳаётамон нохушие рӯй медиҳад ва ин нохушӣ ё гӯем шароит дузди моҳири имони мо мешавад. Мо имон дорем, ки Худо моро дӯстмедорад, аммо ҳаноме ки нохушӣ рӯй медиҳад, ба муҳаббати Ӯ шакку шубҳа меоварем. Баъд шайтон ба мо тарс ва худмаҳкумкуниро оварда, моро аз муҳаббати Худо дур месозад. Ӯ писханд

зад мегӯяд: “Корҳо чӣ хел? Ман фикр мекардам, ки Худо туро дӯст медорад. Хайр барои чӣ ту ин қадар мушкилӣ ва нохушиҳо дорӣ?Эҳтимол ту ягон кори даҳшатнок карда бошӣ ва бо ин корат ғазаби Худоро овардӣ”. Бо ҳамин тарз мо ба Худо таваккал карданро бас мекунем ва Ӯ аллакай ба мо кӯмак карда наметавонад. Агар шумо ба муҳаббати Худо шубҳа кунед, шумо дар имон мустаҳкам шуда наметавонед ва шайтон бо осонӣ шуморо зери тарс ва худмаҳкумкунӣ меорад. Оё рост аст, ки “......муҳаббати комил тарсро меронад” (1Юҳанно 4:18)? Ман бисёр вақт дар бораи ин ҷои навиштаҷот фикр мекардам ва боре Худо ба ман онро ошкор кард, ки муҳаббати комил тарсро меронад ва ин муҳаббати комил Худи Худо мебошад. Вақте мо дарк мекунем, ки то кадом андоза муҳаббати Ӯ нисбати мо комил аст, он гоҳ ҳеҷ чиз дар ин олам моро тарсонида наметавонад. Агар дар бораи муҳаббати Худо ба мо ошкор шуда бошад, мо аз ҳеҷ чиз тарс надорем: на аз мушкилиҳо ва на аз он ки касе аз мо рӯй мегардонад.

Муҳаббати Худо он қадар бузург аст, ки моро аз сар то по пурра иҳота мекунад. Оё Худое, ки моро наҷот додаасту озод кардааст, боз моро маҳкум мекунад?Маҳкум кардан кори шайтон аст: ӯ бо айбдоркуниҳои худ мехоҳад моро ба

бероҳа дучор кунонад. Вақте ки Худо гуноҳи моро фош мекунад, Ӯ ҳамеша боз роҳи озодиро аз он гуноҳ низ нишон медиҳад.

Дар аввали ин боб ман тарҷумаи васеъиНомаи аввали Юҳанно 4:18-ро иқтибос овардам. Бисёриҳо ин ҷои навиштаҷотро чунин мефаҳманд: агар шумо касеро дӯст доред, он гоҳ аз ӯ наметарсед ва агар касе шуморо дӯст дорад, аз шумо наметарсад. Аммо маънои аслӣ ин нест. Ин оят маънои онро дорад, ки агар шумо ба Худо иҷозат диҳед, ки шуморо дӯст дорад, он гоҳ шумо аз ҳеҷ чиз наметарсед. Агар аз чизе доимо тарсидан нахоҳед, иҷозат диҳед, ки Худо шуморо дӯст дорад. Муҳаббати Худоро ба зудӣ пазироед. Муҳаббати Худоро бо тамоми пуррагиаш ҳамин ҳоло қабул кунед, инро ба фардо нагузоред.

Баъд аз он ки бароям ошкор гардид, ки муҳббати Худо ҳар тарсро меронад, ман зуд онро дар зиндагӣ тадбиқ кардам.Мошини мо нағз кор намекард ва ман фаҳмидам, ки мушкилӣ дар қуттии суръат (коробка передач) мебошад. Табдил кардани ин қисми эҳтиётӣ тақрибан 500 доллар буд ва ман ин қадар пул барои таъмири мошин надоштам, барои ҳамин ҳамон аҳволи пештараш истифода мебурдам.

Боре як саҳарӣ Худо ба ман муроҷиат карда

гуфт: “Ҷойс имрӯз ба ман иҷозат деҳ,ки туро дӯст дорам. Барои ин ҳеҷ кор карданат лозим нест. Ба ту лозим нест, ки зани бузурги имон бошӣ. Танҳо чизе, ки ба ту лозим аст, дар тӯли ин рӯз Маро дӯстдор ва иҷозат деҳ, ки Ман туро дӯст дорам. Иҷозат деҳ, ки Ман имрӯз туро дӯст дорам”.

Ана ман тайёр будам, ки тамоми рӯз барои Худованд хурсандӣ кунам. Ман ба Ӯ суруд хонда, вақти хуше доштам. Ногаҳон овози мошини шавҳарамро шунидам, ки аз кор баргашт, дар ҳоле ки вай як соат пештар ба кор рафта буд. Ӯ дарро кушода гуфт: “Ман бо мошин дур рафта натавонистам. Он вайрон шуд.Мошинро бояд дар хона монда, пиёда ба кор равам”. Ҳамон лаҳза маро ханда гирифт. Ин худ ба худ рӯй дод. Хурсандӣ аз дохили ман ба берун ҷорӣ мешуд. Худо нишон дод, ки хурсандӣ ва осоиштагӣ маро аз барои он пур карданд, ки ман тамоми саҳар ба Ӯ иҷозат додам, ки маро дӯст дорад ва барои ҳамин ҳам ман афсурда нашудам. Бо иҷозат додани он ки Худо шуморо дӯст дорад, шумо дари имонро воз мекунед. Хандаи ман нишонаи имони ман буд.

Вақте ки Худо ба Иброҳим гуфт, ки фарзадор мешавад, Иброҳим аз хурсандӣ ханда кард. Хандаи Сорро бошад, нишонаи шӯбҳа ва

нобоварӣ буд ва Худо барои ин ӯро сарзаниш кард.

Ҳангоме ки шайтон зидди шумо мебарояд, шумо ба корҳои ӯ ханда карда метавонед- барои он ки шумо  Худоро хуб медонед ва дар назди ин кӯшишҳои тарсонидани шайтон ахмақона ба назар менамоянд. Шумо боварии комил доред, ки Худо шуморо дӯст медорад ва шуморо муҳофизат мекунад!

Ҳангоме ки суханони Дейв шавҳарамро шунидам, ман ханда кардам. Худо ин суханонро се маротиба такрор кард: "Агар ту дар оянда низ иҷозат диҳӣ, ки Ман туро дӯст дорам ва ба муҳаббати ман ҷавоб диҳӣ, Ман ҳеҷ гоҳ туро афсурда намесозам". Ва суханони Ӯ гӯё тамоми хонаро фаро гирифтанд: "Ман ҳеҷ гоҳ туро афсурда намесозам...", "Ман ҳеҷ гоҳ туро афсурда намесозам..."

Ба Худо таваккал намоед ва иҷозат диҳед, ки Ӯ шуморо дӯст дорад ва шумо Ӯро дӯст доред, он гоҳ бовар кардан ба Ӯ осон мегардад. Таваккал ва боварии шумо ба Худованд ба Ӯ иҷозат медиҳанд, ки тамоми орзуҳои шуморо амалӣ гардонад. Муҳаббати Худо аз шумо тамоми тарсро меронад.

***Худо шуморо дӯст медорад!***

# 6

## Муҳаббат диҳанда аст

*Ва мо аз Ӯ чунин ҳукме дорем, ки ҳар ки Худоро дӯст медорад, бародари худро низ дӯст бидорад.*

1 Юҳанно 4:21

Шумо фарзанди дӯстоштаи Худо ҳастед. Шумо беҳамтоед ва ба шумо монанд дигар касе нест (ниг. Такрори Шариат 7:6). Агар шумо мувофиқи ин рафтор намоед, ҷаҳонбиниатон тағйир меёбад. Шумо дарк мекунед, ки танҳо ҳузури шумо ба ҳар ҷое, ки бошед баракат меорад ва бештар табассум мекунед. Шумо дар кӯча роҳравон суруду тарона хонда метавонедва худро шахси махсус ҳис мекунед.

Вақте ки шумо беҳамтогӣ ва нотакрории худро дарк мекунед, мисли фарзанди дӯстдоштаи Худо

рафтор карда, барои Исо тамоми дунёро ба даст оварда метавонед! Муҳаббат мисли оташ паҳн мешавад. Лекин агар шумо дар бораи Масеҳ нақл карда худатон доимо ғамгин ва асабонӣ бошед, он гоҳ бисёр мушкил аст, ки касеро ба наҷот оваред. Шумо бо фахр мегӯед, ки "Ман имондорам, ман масеҳиям", вале агар касе аз мошини шумо пеш гузаштан хоҳад аз қафои ӯ дод мезанед: "ҳӯй аблаҳ, тезтар аз роҳи ман дур шав, ки ман ба маҷлиси калисо дер монда истодаам".Дар ин мисол шумо худро мебинед?

Оё шумо дар ҳар чиз ва дар ҳар кор муваффақият доштан мехоҳед? Калиди ҳаёти бомуваффақият дар рӯҳи шумо пинҳон аст. Танҳо гӯед: "Шайтон, ман муддати дурудароз ба дурӯғи то бовар карда, бо тарс зиндагӣ мекардам. Лекин акнун дарк кардам, ки бо шарафи Исо ман ғолиб ҳастам. Ман одами махсус ва беҳамто мебошам. Ман шахсият ҳастам. Ман фарзанди дӯстдоштаи Худо мебошам. Ва ту шайтон бо ин далелҳо ҳеҷ кор карда наметавонӣ!"

Муҳаббати Худо, ки дар дохилӣ шумост, шуморо аз ҳар тарс озод мекунад, барои ҳамин аз паҳн кардани ин муҳаббат дар гирду атроф худдорӣ накунед.

"Ҳар ки ба Ман имон оварад, аъмолеро, ки Ман

мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз он ҳам хоҳад кард, зеро ки Ман назди падар меравам" (Юҳанно 14:12).

Худо мехоҳад, ки шумо ба ин бовар кунед. Шубҳа накунед, ки Худо ба воситаи шумо амал кардан мехоҳад. Ба ҳар чизе, ки имон оваред, Ӯ ба шумо медиҳад. Бо одамон фазои боварии дуҷониба бино карда, онҳоро дӯст доред.

Ман якчанд маротиба дар остонаи корҳои бузург меистодам, ки иҷрои он корҳо маро ба ваҳм меандохт, лекин Худованд маро рӯҳбаланд карда мегуфт: "Ҷойс, натарсида қадам зан. Ман корҳои бузургро ба воситаи ту анҷом медиҳам". Ман ба пеш ҳаракат мекардам ва Худованд ҳамеша ба ман мадад мерасонд. Медонед, барои чӣ ман аз нобарории кор наметарсам?Зеро ман медонам, ки Худо маро дӯст медорад. Ӯ медонад, ки ман Ӯро дӯст медорам. Худо файзи Худро ба ман ато кардааст, ки ман ба воситаи он ҳаёти худро пурра ба дасти Ӯ супорида метавонам. Агар шумо низ айни ҳамин корро кунед, яъне Худоро дӯст доредва донед, ки Ӯ шуморо дӯст медорад, он гоҳ дар тамоми дунё мушкилиепайдо намешавад, ки шумо онро ҳал карда натавонед.

Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё

бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер?

Чунон ки навишта шудааст:

*“ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем, мисли гӯсфандони забҳ ба шумор меравем”*

*Аммо бар ҳамаи ин ба воситаи дӯстдорамон пурра ғолиб меоем.*

*Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабадъҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад.*

Румиён 8:35-39

Шумоҳаттотасаввур карда наметовонед, киХудо то кадом андозахоҳиши хушбахт будани шуморо дорад. Бадбахтии шумо ба Ӯ дарднок аст. Баъзан тамоми рӯз табъишумо бад аст: шумо гурбаи хонаро бо лағат мезанед, ба фарзандон дод мезанед, бо ҳамсоя ҷанҷол мекунед, ба худ хашм карда мегӯед: “Ман тамоми рӯз кор мекунам, кор мекунам, кор мекунам ва ҳеҷ кас инро қадр намекунад”.

Ин ҳолат ба ман шинос аст. Ва ҳангоме ки фарзандон ба хона меоянд ба онҳо низ эътироз

мекунед: “Чаро дарсҳои шумо тамоми рӯз нею фақат то нисфирӯз аст?” Оё шумо медонед, ки ин ҳолат Худоро хафа месозад? Ман намехоҳам, ки виҷдонатон шуморо азоб диҳад. Ман мехоҳам, ки шумо дарк кунед: ҳангоме ки шумо ба муҳаббати Худо боварӣ пайдо мекунед, шумо ба муҳаббати Ӯ ҷавоб медиҳед. Муҳаббати Худо аз шумо лабрез шуда ба дигарон ҷорӣ мегардад. Ба одамон некӣ карда, дар ивазаш муносибати хубро нисбати худ мегиред. Агар шумо дарк кунед, ки Худо шуморо дӯст медорад, шумо шифо меёбед, нашъунамо менамоед ва тамоми мӯҳтоҷиҳои шумо қонеъ мегарданд. Барои чӣ? Барои он ки шумо ором мешавед. Сабаби асосие, ки чаро Худо ҳама чизи ба нақша гирифтаашро ба шумо дода наметавонад,дар ташвиш ва бесарамҷонии шумо мебошад. Ӯ диққати шуморо ба Худ ҷалб карда наметавонад. Худо танҳо хоҳони он аст, ки шумо ба Ӯ таваккал намоед, Ӯро дӯст доред ва иҷозат диҳед, ки Ӯ шуморо дӯст дорад.

Агар шумо бо муҳаббат пур бошед, он гоҳ шайтон он баракатҳоеро, ки ба шумо ҷорӣ мешаванд, боздошта наметавонад, чунки муҳаббат ба саховатмандӣ водор месозад. Ҳангоме ки одам дӯст медорад, ӯ мехоҳад муҳаббати худро ба дигарон бидиҳад.

*Худо туро баргузидааст, то ки ту халқи баргузида бошӣ....*

Такрори Шариат 7:6

Шояд дар айни замон кори асосии шумо дар хона буда, ғамхории оилаатон бошад, лекин агар хоҳед, ки Худо шуморо дар кори худ истифода барад, Ӯ ҳатман истифода мебарад. Аммо аввал шумо бояд таҳкурсӣ гузоред: Дарк кунед, ки Худо шуморо дӯст медорад.

Тамоми қуввати худро барои қонеъ гардонидани мӯҳтоҷиҳоятон сарф накунед. Ба Худо мӯҳтоҷии худро аниқу равшан гӯед ва баъд ба дигарон дар ҳалли мушкилиашон ёрӣ расонда бо ҳамин имони худро инкишоф диҳед. Исо пеш аз он ки рафта ба одамон кӯмак кунад, дуо мехонд ва бо Падар муносибат мекард. БаъдӮ ба одамон каломро таълим медод ва бо даст гузоштан дар ҳаёти одамон мӯъҷиза нишон медод. Ӯ бовар карда, ки Худо ба орзуи дили Ӯ ҷавоб медиҳад, дар як канор наменишаст. Шумо ба Худо гуфта метавонед, ки ба чӣ зарурат доред, лекин нагузоред, ки қонеъ гаштани муҳтоҷиҳои шахсиатон мақсади асосии зиндагӣ гардад. Кӯшиш кунед, ки ба дигарон кӯмак карда, ба мӯҳтоҷиҳои онҳо ҷавоб гардед.

Нашъунамои аслӣ-ин конеъ гардонидани тамоми мӯҳточиҳое, ки ба миён меоянд мебошад. Муҳаббати Худо ба шумо қобилиятеро ато мекунад, ки мухточиҳои дигаронро дар навбати аввал гузошта тавонед. Бовар кунед, ки Худо ба шумо ҳатто нисбати он шахсоне муҳаббат ато мекунад, ки онҳо лоиқи муҳаббат намебошанд-шахсони норозӣ ва кӯрнамак.

Шумо розӣ ҳастед, ки дӯст доштани шахсоне, ки шуморо дӯст медоранд, мушкил нест. Барои ин ягон кӯшиши махсус зарур нест, инро ҳар як гуноҳкор ҳам карда метавонад. Лекин барои дӯст доштани онҳое, ки ба назари шумо сазовори муҳаббат намебошанд, аз шумо рӯҳоният, қувваи ботинӣ, сабру тоқат ва истодагариро талаб мекунад. Он гоҳ ба рафтори одамон нигоҳ накарда, шумо онҳоро дӯст дошта метавонед. Муҳаббати шумо онҳоро тағйир медиҳад. Шояд ин як ё панҷ, ё ҳатто бисту панҷ солро дар бар гирад ҳам, лекин ин мақсади лоиқи кӯшиш аст. Исо чӣ қадар шуморо мунтазир буд?

Худо шуморо дӯст медорад, инчунин ҳамаи онҳоер, ки дар гирду атрофи шумо ҳастанд. Ӯ новобаста аз он ки онҳо имондор ё гуноҳкор ҳастанд, дӯст медорад. Ӯ шуморо дӯст медорад ва мехоҳад, ки муҳаббати Худро ба воситаи шумо

ба дигарон ҷорӣ кунад.

Худо ба мо лаёқати дӯст доштанро ато намудааст. Аз изҳор кардани муҳаббати худ ба одамон шарм накунед, ин шуморо аз тарс ва худмаҳкумкунӣ озод мекунад. Муҳаббати худро ба одамоние, ки шуморо иҳота мекунанд, далерона изҳор намоед. Аз изҳор кардани меҳрубонии оддӣсар кунед. Одамонро ба меҳмонӣ даъват намоед, ба онҳо табассум кунед. Худо барои шумо вазифае дорад, ки танҳо шумо аз ӯҳдаи он мебароед. Одамоне ҳастанд, ки ба онҳо танҳо шумо хизмат карда метавонед. Ҳеҷ каси дигар ба ғайр аз шумо ба онҳо наздик шуда в дӯсти карда наметавонад. Аз Худо талаб кунед, ки ба шумо ёд диҳад, ки чӣ тавр шумо ба онҳо муҳаббати худро нишон диҳед ва Ӯ ба шумо ҳазорҳо роҳҳоро нишон медиҳад!

***Худо шуморо дӯст медорад!***

# 7

# Муҳаббати Худо шуморо тағйир медиҳад

*Муҳаббат дар ин аст, ки на мо Худоро дӯст доштаем, балки Ӯ моро дӯст дошт ва Писари Худро барои кафорати гуноҳҳои мо фиристод.*

1 Юҳанно 4:10

Худо моро дӯст медорад, лекин бисёр имондорон муҳаббати Ӯро бо тамоми пуррагиаш дарк намекунанд. Ҳаногоме ки ман Китоби Муқаддасро меомӯхтам, Худо ба ман ошкор кард, ки агар мо андозаи муҳаббати Ӯро дарк мекардем, зуд тағйир ёфта, рӯҳан шахсони ба воя расида мешудем.

Дар бораи муҳаббати Худо нисбати шумо андеша кунед. Ва ин андешаҳо шуморо тағйир медиҳанд. Агар дар худатон чизе мувофиқи

табъи дилатон набошад, он гоҳ донистани он ки Худо шуморо дӯст медорад, шуморо тағйир дода метавонад. Вақте шумо медонед, ки шахсе шуморо дӯст медорад, чӣ ҳис мекунед? Шумо аз ин хуш ҳастед, ҳамин тавр не? Наход ки ин ҳолат шуморо ғамгин созад. Лекин бисёр одамон аз худ нафрат доранд. Онҳо аз ҳар кори кардаашон бад мебаранд, чунки дарк накарданд, ки махлуқи нав мебошанд ва бо табиати қадимаи худ доимо мубориза мебаранд. То даме, ки шумо бо худ норозӣ ҳастед, аз худ нафрат мебаред ва арзиши худро дар пеши Худованд намефаҳмед, шумо одами далер намешавед ва ба худ боварӣ пайдо намекунед.“Зеро, чӣ гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад, худаш низ ҳамон гуна мебошад” (Масалҳо 23:7). Дарк кардани он ҳақиқате, ки Худо шуморо хеле зиёд дӯст медорад, қуввати азиме дорад.

Худо ҳар рӯз бо шумо муносибат кардан мехоҳад. Муносибат кардан бо Ӯ шуморо дигаргун месозад. Агар шумо ба Худо мавқеъи аввалро дар ҳаёти худ  надиҳед, он гоҳ бо ин рафторатон шумо имкониятҳои Ӯро нисбати худ маҳдуд месозед.Ҳатман барои муносибатҳои шахсӣ бо Худованд вақти худро ҷудо кунед, муҳаббати худро ба Ӯ нишон диҳед ва иҷозат диҳед, ки Ӯ шуморо дӯст дорад. Танҳо  дар ин

ҳолат шумо рӯҳан калон шуда, одами боқувват ва хушбахт мешавед.

Лекин бисёр одамон танбал мебошад. Онҳо мехоҳанд, ки як каси дигар барояшон ин корҳоро ба анҷом расонад. Ба худ баҳона наҷӯед. Шояд шумо муносибати шахсӣ бо Худо надоред ва ҳоло дар дилатон ин фош гардид. Донед, ки шайтон омада ба шумо мегӯяд, ки шумо бисёр корҳои дигари муҳим доред ва муносибат бо Худо ин қадар зарур нест. Ӯ ба шумо бисёр сабабҳоро пешниҳод мекунад. Лекин нисбати муносибати наздик бо Худованд доштан ҷидди рафтор кунед. Дар бораи Каломи Худо фикр кунед ва муносибат бо Худо шуморо дигаргун месозад.“Ҳамааш аз дастам меояд бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад”(Филиппиён 4:13). Дар ин ҷаҳон ҳеҷ чизе нест, ки мо бо мадади Масеҳ мо анҷом дода натавонем.Ҳамон лаҳзае, ки Худо мушкилиии шуморо нишон медиҳад, далерона бо ҳалли он машғул шавед ва дар хотир доред, ки Исо аллакай бар ҳамаи мушкилиҳоятон ғалаба ба даст овардааст. Муҳаббати Худоро қабул кунед ва дурӯғи шайтонро оиди камбудиҳои худ рад кунед, он гоҳ шумо ғалаба ба даст меоваред!

Шояд ҳоло шумо нодуруст рафтор мекунед, лекин агар бовар кунед, ки шумо махлуқи нав

ҳастед, он гоҳ ислоҳ мешавед. Ба худ хотиррасон карда гӯед: "Ҷалол ба Худо, ки Ӯ маро беҳамто офарид. Ӯ маро интихоб кард. Манфарзанди интихобшудаи Ӯ ҳастам. Худованд гуноҳҳои маро бахшид. Акнун ман беайб ҳастам. Ӯ тамоми хатогиҳои маро мебахшад!Бо мадади Худо ман тағйир ёфта, дуруст рафтор мекунам!"

Агар боварии комил дошта бошед, ки Худо шуморо дӯст медорад, он гоҳ ҳеҷ мушкилие нест, ки шумо ҳал карда натавонед. Шумо бар ҳар мушкилӣғолиб баромада метавонед.

Фикр кунед: Оё имкон дорад, ки бе мушкилиҳо ва аз мамониятҳо нагузашта ғалаба ба даст орем? Мушкилӣ ва озмоишҳо-ин роҳи ягона барои инкишофи рӯҳонӣ мебошад. Агар шумо ягон мушкилӣ надошта бошед, пас имон ба шумо барои чӣ лозим аст? Мушкилиро ҳамчун имконият барои инкишофи рӯҳонӣ ва дарк кардани тавоноии Худое, ки нисбати  шумо бо муҳаббат амал мекунад, истифода баред.

Агар шумо ба Худо иҷозат диҳед, ки шуморо дӯст дорад ва худатон Ӯро дӯст доред, он гоҳ муҳаббати Ӯ ба шумо қувват мебахшад ва ҳеҷ як шароит шуморо аз мақсадатон боздошта наметавонад.

Баъд аз таъмид бо Рӯҳи Муқаддас ман тақрибан дар тӯли як моҳ бо муҳаббати Худо маст будам.Аз манмепурсиданд: “Бо ту чӣ шуд? Ту бисёр тағйир ёфтӣ. Бовариамон намеояд, ки инту. Охир бо ту чӣ шуд, Ҷойс?” Вақт мегузашт, лекин онҳо боз мепурсиданд: “Бо ту чӣ шуд, охир?” Ба ман зарур набуд, ки тағйир ёфтанамро исбот кунам- ин ҳолат аён буд. Ҳангоме ки шумо ба муҳаббати Худо эътимод доред, табассум аз даҳони шумо дур намешаваду шумо дар назари дигарон мешукуфед ва шумо қуввати нав пайдо мекунед. Шумо бо Рӯҳи Муқаддас то ҳамон андозае пур мешавед, ки ҳар мӯҳтоҷиҳои одамоне, ки дар гирду атрофатон мебошанд, қонеъ карда метавонед. Ба худ бигӯед: “ Худо моро дӯст медорад. Ман махсус мебошам, ман-фарзанди Ӯ ҳастам. Худо маро дӯст медорад.” Ба ин боварӣ дошта бошед, ки ***Худо аслан шуморо дӯст медорад!***

# Дуои тавба

Агар шумо то ҳол ба Исои Масеҳ имон наоварда бошед, ҳамин ҳоло имон оварда метавонед. Аз сидқи дил ин дуоро хонед ва  дар Масеҳ соҳиби ҳаёти нав мешавед.

Худованд, ман бовар мекунам, ки Исои Масеҳ Писари ту ва Наҷотбахши ҷаҳон аст. Ман бовар мекунам, ки Ӯ дар салиб ҷон дода, нархи гуноҳҳои маро супорид. Ман бовар мекунам, ки дар рӯзи сеюм Ӯ аз нав зинда шуд ва аз тарафи рости Ту дар осмон нишаст.

Исо, ман ба Ту мӯҳтоҷ ҳастам ва Туро Худованди худ эълон мекунам. Омин.

Аз ҳамин лаҳза сар карда Исо дар дили шумо зиндагӣ мекунад. Худо гуноҳҳои шуморо бахшид ва шумо дар назари Ӯ пок шудаед ва баъд аз марг ба осмон меравед.

Калисои хуберо, ки Каломи Худоро бо пуррагиаш маъвиза мекунад пайдо карда, ба он аъзо шавед ва бо Худованд муносибати наздик дошта бошед. Донистани Каломи Худо ва мувофиқӣ он зистан ҳаёти шуморо тағйир

медиҳад. “......агар шумо дар Каломи Ман бимонед, ҳақиқатан шогирдони Ман хоҳед буд, ва ростиро хоҳед шинохт ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард” (Юҳанно 8:31-32).

Каломи Худоро хонда омӯзед, то ки он дар дили шумо ҷой гирад. Дар ҳар шароит ба Каломи Худо муроҷиат кунед ва он ба шумо роҳи дурустро нишон медиҳад.

Бо муҳаббат, Ҷойс Майер

# Дар бораи муаллиф

Ҷойс Майер - муаллими бо истеъдоди Китоби Муқаддас мебошад. Ӯ Каломи Худоро ба миллионҳо одамон дар тамоми рӯи замин таълим медиҳад.

Ҷойс ба зиёда аз сад мавзӯъ рӯшани андохта, муаллифи ҳафтод китоб буда, ҳар сол зиёда аз ду сад конфронсҳо мегузаронад. Дар соли 2004-ум зиёда аз 2,5 миллион китобҳои Ӯ ба фурӯш рафта ва тақрибан як миллион китоб ройгон тақсим карда шуд. Барномаҳои теливизонии ӯ ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон пахш мешаванд ва барномаҳои радио аз се сад радиостансияҳо пахш мекунанд.

Худо Ҷойсро даъват кардааст, ки имондоронро дар Каломи Худо устувор гардонад. Як вақте худи ӯ пурра аз зиндагӣ дилсард буд. Имрӯз бошад, аз зиндагӣ ҳаловат мебарад, чунки ҳақиқатҳоеро, ки дар Каломи Худо ҳастанд, истифода мебарад ва бар ҳар мушкилӣ ғалаба ба даст меорад. Ҷойс боварӣ дорад, ки ғолиб метавонад ба дигарон ғалаба карданро ёд диҳад.

Ҷойсдар бораи таҷовузе, ки дар хурдсолӣ аз сар гузаронида буд, дар бораи оилаи якумаш, ки ноком буд ва дар бораи тамоми мушкилиҳое, ки дар зиндагӣ дучор шуда буд, кушоду равшан мегӯяд. Ӯ гузаштаи худро пинҳон накарда ва ба онҳое, ки бо чунин мушкилиҳо рӯ ба рӯ мебошанд, маслиҳатҳои амалӣ медиҳад.

Ҷойс Майер соҳиби унвони олими худошиносии донишгоҳи Оклахомаи ИМА ба номи Орал Робертс ва олими фалсафа ва худошиносии донишгоҳи Флорида "Лайф Кристиан" мебошад. Дар моҳи феврали соли 2005 маҷалаи "Таймс" Ҷойс Майерро ба шуморои бисту панҷ машҳуртарин башоратдиҳандагони Амрико дохил намуд.

Тамоми ҳаёти Ҷойс Майер дар бораи марҳамат ва вафодории Худо шаҳодат медиҳад. Ӯ дар бораи он таълим медиҳад, ки новобаста аз гузаштаи инсон, Худо барои ӯ нақшаи бузурге дорад ва кӯмак мекунад, ки инсон дар роҳи хурсандӣ ва хушбахтӣ устувор гардад.



## Худо шуморо дӯст медорад!

Худо мехоҳад, ки шумо ба ин суханон бовар кунед ва пурра таваккал намоед. Дар хотир доред: Худо шуморо на аз барои комил буданатон дӯст медорад, балки аз барои он ки Ӯ муҳаббат аст. Дарк кардани муҳаббати комили Худо ҳар тарсро аз ҳаёти мо меронад. Дар муҳаббати Худо реша давонда дар он устувор гардед.

Худо ҳар яки моро дӯст медорад. Ман боварӣ дорам, ки сабаби бисёре аз мушкилиҳои мо дар он аст, ки мо  дар бораи ҳақиқат хабар надорем. Ба хотири тасаввуротҳои ғалате, ки аз ҷониби шайтон меоянд, одамон ба доми тарс, нобоварӣ ва ташвиш афтоданд. Оё медонед, ки Исо аллакай шуморо озод кардааст?

Ин китоб ҳақиқатро дар бораи муҳаббати Худо ба шумо ошкор карда, бароятон кӯмак мекунад, то боварӣ кунед, ки Худо муҳаббати Худро  абадан тӯҳфа кардааст.

Шумо дар назари Худо пурарзиш ва муҳим ҳастед!